# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар он ҳамаи паҳлӯҳои мавзуии таҳқиқот дар заминаи маводи фаровони забонӣ аз ҷониби диссертант мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Калимаву истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ҷузъи муҳимми таркиби луғавии ҳар як забон ба шумор меравад. Истилоҳоти кулолгарӣ бо бисёр соҳаҳои истеҳсолот алоқаи ногусастанӣ дошта, муррифгари ҳар қавму миллат ва таамули шахс маҳсуб меёбад. Вожаву истилоҳоти ин қабати луғавӣ дар низоми забон бо номи истилоҳоти кулолгарӣ маъруф буда дар осори муаррихону мардумшиносон ҳувайдо мегардад. Бояд таъкид намуд, ки кулолгарӣ яке аз қадимтарин ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, дар дарку фаҳмиши ин гурӯҳи луғот то имрӯз мутахассисони ин соҳа ба мушкилоти зиёд дучор омада истодаанд, зеро истилоҳоти соҳаи мазкур мавриди омӯзишу таҳқиқи илмии амиқу густурда қарор нагирифтааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзиш, таҳқиқ ва муқоисаи ин намуди истилоҳот дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз мутахассисони соҳаи кулолгарӣ аз гунаҳои русии он истифода намуда, пайваста ниёз ба шарҳу тавзеҳи он ба забони модарӣ доштанд, ки сабаби асосии он дар замони шӯравӣ зери таъсири забони русӣ қарор доштани забони тоҷикӣ ва ворид гардидани калимаҳои зиёде ба таркиби луғавии ин забон, ҳамчунин дур мондани истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ аз назари забоншиносон буд. Калимаву истилоҳоти кулолгарӣ ба яке аз қабатҳои муҳимми лексикаи илмии забонҳои тоҷикиву англисӣ мансуб буда, заминаи бойи таърихиро соҳиб аст. Аз ин рӯ, дар раванди рушди ҷомеа таркиби луғавии забон ба вожаву истилоҳоти бегона бархурд, ки ба фаъолияти рӯзмарраи башарият алоқаманд буда, ташаккулу таҳаввули он маҳз аз зеҳну тафаккури инсон вобастагӣ дошт. Пешаи кулолгарӣ бо маводи гилу сафол ва хок алоқаи зич дорад, зеро муҳимтарин ашё барои эҷоди ҳунари кулолгарӣ маҳз аз қишри замин гирифта мешавад.

Омӯзишу баррасии ин ё он бахши истилоҳот дар забоншиносӣ падидаи нав набуда, аввалин пажӯҳишоте, ки ба таҳлилу баррасии луғоту истилоҳоти тоҷикӣ бахшида шудааст, ба солҳои 50-60-уми садаи XX рост меояд. Ин таҳқиқот низ, ба номи забоншиносони тоҷик М. Рустамов ва Н. Шарофов марбут аст, зеро маҳз истилоҳоти соҳавии тоҷикӣ ва вожаҳои касбию байналмилалӣ аз тарафи эшон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта буд.

Ҳадафи ва вазифаҳои асосии таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар омӯзиш, таҳқиқ, муқоиса ва муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва грамматикии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад.

Барои амалӣ сохтани ҳадафи таҳқиқ зимни омӯзишу таҳлили истилоҳоти кулолгарӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

— таҳлилу баррасии мафҳуми истилоҳ дар забоншиносӣ;

— муайян намудани сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

— таҳлили решашиносии истилоҳоти кулолгарии забонҳои муқоисашаванда;

— муайян намудани умумият, шабоҳат ва тафовути луғавию маъноии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикию англисӣ;

— таҳлилу баррасии хусуиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

— муайян намудани роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ ба таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву англисӣ;

— муайян намудани нақши усулҳои маъмули истилоҳнигорӣ дар ташакули истилоҳоти кулолгарӣ.

Навгонии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ истилоҳоти кулолгарӣ бори нахуст аз лиҳози муқоисаву муқобала ба муомилоти илмӣ кашида шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ, ки 11-тоанд, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифта, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Тураҳасанов Қодирқул Шодиқулович** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич** - номзади илми филология, дотсент, декани факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Саидов Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илми филология, дотсент,
узви комиссияи ташхис — Мирбобоев А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, дотсент,
узви комиссияи ташхис — Баротзода Ф.

«31» 03 соли 2023